Ба Шурои диссертатсионии
6D.КОА-012 назди Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ, 1/2)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзӯи “Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст**

Рушди иқтисодиёти ҳар як давлат аз соҳаи саноати он вобастагии калон дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин замина аз таҷрибаи бойи мамлакатҳои тарақикардаи саноатӣ истифода намуда, дар ин самт чораҳои мушаххаси заруриро андешида истодааст.

Бо вуҷуди натиҷаҳои назаррас бояд дар мамлакат шароит ва инфрасохтори зарурӣ барои пеш бурдани фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам оварда шавад. Инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти афзалиятнок маҳсуб ёфта, дастгирии он ба корхонаҳои истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки ба омилҳои асосии истеҳсолӣ дастрасӣ пайдо намуда, фаровонии бозор таъмин гардида, барои гузаштан ба зинаи сифатан нав шароиту заминаҳои мусоид барпо карда шавад. Барои ин дар солҳои минбаъда дарку ҳалли масъалаҳои муҳимми рушди иқтисодӣ, инчунин таъмин намудани фаъолияти пешқадами шаклҳои соҳибкорӣ зарур аст.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки яке аз ҳадафҳои таъсис ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти босифати ватанӣ мебошад. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ самаранокии худро дар ҳалли ҳадафҳои иқтисодии рушд ва инкишоф исбот карда бошанд ҳам, онҳо дар ҳама мамлакатҳо баробар бомуваффақият фаъолият намекунанд. Баррасии ҳаматарафаи таҷрибаи

мамлакатҳои гуногун ба шаклҳои ҷудогонаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ ғайриимкон аст, зеро таҳлили он бениҳоят гуногуншакл мебошад.

Аз ин лиҳоз, дар шароити муосир интихоби мавзӯи диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода, ки асоси онро омӯзиши рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарбар мегирад, мубрам арзёбӣ мегардад.

Далелҳои овардашуда мубрам будани мавзӯи интихобгардидаи диссертатсияи илмиро муайян мекунад ва аҳамияти илмию амалии онро тасдиқ мекунад. Эътиборнокӣ ва навгониҳои илмии диссертатсия дар таҳияи муқаррароти назариявӣ, методӣ ва консептуалӣ, тавсияҳои амалӣ оид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст.

Ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз усулҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла усулҳои сабабу натиҷа, омӯзиши омилҳо, таҳлили SWOT, таҳлилҳои экспертӣ, оморӣ, муқоисавӣ ва ғайра истифода намудааст.

Дар баробари ин, дар диссертатсия тавсияҳои илмӣ - амалӣ оид ба самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ, ташаккули инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Таҳлилҳои муаллиф нишон додаст, ки саҳми МОИ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, воридоти технологияи муосири инноватсионӣ, истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ тадриҷан афзуда истодааст.

Сохтори автореферат ба талаботи муқаррargardida ҷавобгӯ буда, бо хулосаҳои илмии муаллиф ҷамъбаст шудааст.

Дар қатори муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Дар боби дуюми диссертатсия омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба таври бояду шояд мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода нашудааст.

2. Дар автореферат баъзе иштибоҳоти имлоию техникӣ низ ба назар мерасад.

Эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонад ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқотҳои оянда ба инобат гирифта шаванд.

Дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзӯи хеле актуалӣ таҳия гардида, ба талаботи муқарраротИ Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) арзанда аст.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи иқтисодиёти байналмилалии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Имомназаров М.А.

Имзои н.и.и., дотсент Имомназаров М.А-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Бухориев Н.А.

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Н. Қаробоев 63/3,
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Телефон: +992 (37) 234-79-87
Факс: +992 (37) 234-79-88
E-mail: rectorat-tut@mail.ru
Сомона: www.tut.tj.